ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шарипов Рустам Миралиевич дар мавзӯи: «Нақши брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ пешниҳод гардидааст.

Рисолаи илмии Шарипов Р.М. таҳти унвони «Нақши брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Тоҷикистон» масъалаи мубрами ветеринарии муосирро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар рисола як қатор паҳлуҳои эпизоотологӣ, бактериологӣ ва клиникии бемориҳои зоонозии муҳим, аз қабили брутселлёз, салмонеллёз ва сирояти коккҳо ҳамаҷониба таҳлил шудаанд.

Муаллиф бо истифода аз усулҳои серологӣ, бактериологӣ ва молекулавию генетикӣ ба таҳқиқи амиқи вазъи эпизоотӣ дар хоҷагиҳои чорводории кишвар пардохта, натиҷаҳои муътамад ва дорои арзиши илмӣ пешниҳод намудааст. Ҳамин тариқ, тадқиқот ба сатҳи баланди илмӣ ҷавобгӯ буда, барои рушди минбаъдаи микробиологияи ветеринарӣ заминаи муҳими илмӣ фароҳам меорад.

Муаллиф бо истифода аз маълумоти васеи эпизоотологӣ ва озмоишӣ вазъи воқеии ин бемориҳоро дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ муайян кардааст, ки ин ба қабули қарорҳои муосир дар соҳаи тибби ветеринарӣ ва бехатарии озуқаворӣ кӯмак мерасонад.

Рисолаи илмии Шарипов Р.М. бо мувофиқат ба талаботи методологӣ ва мантиқии таҳқиқоти илмӣ навишта шудааст. Муаллиф бо пайгирии мантиқӣ мавзӯъро аз муаррифии аҳаммияти масъала то баёни натиҷаҳои таҷрибавӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ инкишоф додааст.

Истифодаи усулҳои маъмули серологӣ, бактериологӣ ва инчунин усулҳои молекулавӣ ба монанди аксуламали занҷираи полимеразӣ (PCR) нишон медиҳад, ки тадқиқот дар сатҳи муосири илмӣ гузаронида шудааст. Таҳлили муқоисавии натиҷаҳо, арзёбӣ ва хулосаҳои амиқ аз сатҳи баланди омодагии илмии унвонҷӯ шаҳодат медиҳанд.

Дар ҷараёни таҳияи рисолаи мазкур Шарипов Р.М. саҳми шахсии назаррас гузоштааст. Таҳлили манбаъҳо, ҷамъоварии мавод, гузаронидани озмоишҳо, таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ба табъ расонидани 14 мақолаи илмӣ аз ҷониби худи муаллиф анҷом ёфтааст.

Ғайр аз ин, иштирок дар конференсия ва семинарҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, инчунин гузаронидани курси такмили ихтисос дар Македонияи Шимолӣ, нишондиҳандаи ташаббус, фаъолият ва омодагии касбии муаллиф барои анҷоми корҳои илмии мустақилона мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло Шарипов Р.М. сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ мебошад.

Мудири кафедраи ҷарроҳӣ,
қобилагӣ ва табобатии факултети
тибби ветеринарии Донишгоҳи
аграрии Тоҷикистон ба номи
Шириншоҳ Шоҳтемур, н.и.в., дотсент Идиев Қ.У.
02.10.с2025

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 146
Tel./Fax.: (992) 918-23-04-72; 881657474
E-Mail.: idiev7373@mail.ru

Имзои Идиев Қ.У.- ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи таъминоти
ҳуқуқӣ ва кадрҳо _____ Қурбонзода А.Х.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 146
Tel./Fax.: (992-372) 24 72-07
E-Mail.: rectortau31@mail.ru

02.10.с2025